# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзӯи «Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03-педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)**

Мавзӯи фишурдаи автореферати Мирзоева Савригул Давлатқадамовна мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, барои гузаронидани корҳои ислоҳӣ дар хонандагони имконияташон маҳдуд дар мактабҳои ҳамагонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар автореферат муҳаққиқ иброз менамояд, ки барои хонандагони нуқсони нутқдошта дар ҷумҳурӣ мактабҳои махсус вуҷуд надорад, аз ин лиҳоз хонандагон барои таҳсилро давом додан дар мактабҳои ҳамагонӣ баробари хонандагони солим дар якҷоягӣ таълим дода мешавад. Дар синфҳои махсуси фарогир хонандагони нуқсонҳои мухталиф ба монанди маҳдудияти кундзеҳнӣ, чапдастӣ, олусчашм (астигматизм), маҳдудияти саломатидошта, синдроми Дауна, синдороми аутизм, дурбин, наздикбин, сустбин, сустшунаво, вайрон будани такягоҳи ҳаракатӣ (дараҷаи сабук) таҳсил мекунанд, ки ҳар яки онҳо нуқсони дуюмдараҷа буда, нуқсони нутқӣ низ мушоҳида мешавад. Дар таҳқиқоти худ муҳаққиқ кушиш намудааст, ки бо воситаи технологияи ғайрианъанавӣ ислоҳ намудани нуқсони нутқии хонандагони таҳсилоти ибтидоиро дар дарсҳои забони модарӣ бартараф намояд, ки ин кор ҳалли худро ёфтааст.

Инчунин, муҳаққиқ дар ҷараёни дарс аз истифода намудани технологияи ғайрианъанавӣ аз фанни забони модарӣ, ки бештар на танҳо ифшо додани тарбияи ақлӣ, инчунин ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқии хонандагонро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ӯ бо шарофати бозиҳои логопедӣ, фаъолияти раванди таълимро дар синф пурмазмун, шавқовар ва ҷолибу муассир гардонида, қайд менамояд, ки дар муносибати анъанавӣ хонандагони нуқсони нутқдошта шарм медоранд ва аз муошират кардан бо ҳамсолон даст мекашанд.

Усули ғайрианъанавии таълим аз хонанда талаб менамояд, ки дар рафти амали намудани он фаъолияти худро нишон диҳанд, инчунин фикру ақидаи худро новобаста аз оне, ки нуқсони нутқ дорад ё не озод иброз намояд. Исботи ин қазоватро метавонем бо баъзе нуқтаҳои назари ибрознамудаи хонандагон дар машғулиятҳои бо ҳамин усули таълимӣ фарогирифта тақвият диҳем, ки онҳоро ҳангоми мушоҳидаи усулҳои ғайрианъанавӣ, таҳлилу ҷамъбаст ва суҳбат ба хонандагон муайян намудааст. Аз муҳтавои автореферат бар меояд, ки ин гуна машғулиятҳо дар мактабҳо ва дар доираи барномаи таълимии ҳарруза ташкил карда шаванд. Ин ҷорӣ намудани усулҳои якхелаи таълим ва амалияи ҳаррӯзаи таълими ҳамаи фанҳоро дар назар дорад. Бозиҳои логопедӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки нуқсони нутқ ислоҳ карда шавад, дар фаъолият хонандагон аз нуқсони нутқи худ шарм накунанд, барои иҷрои ягон супоришҳо маҷбур намекунанд, ба суханҳояшон, ки новобаста дорои нуқсони нутқ мебошад гӯш диҳанд, бо мавзуҳо мустақилона кор карда, новобаста аз нуқсони нутқи худ озод муошират намоянд, ки натиҷаи он барои хонандагон осонфаҳм мегардад.

Ҳамин тариқ, Мирзоева С. аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда баромада тавонистааст ва автореферат муҳтавои рисоларо иникос намуда, дорои навгонии илмӣ буда, аз аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ холӣ нест.

Маводҳои назариявӣ ва эмпирикии истифодагашта, методологияи таҳқиқот ба талабот ва шиносномаи ихтисос мувофиқат менамояд.

Мо чунин тавсияҳоро пешниҳод менамоем.

1. Хуб мешуд, ки таҳқиқот дар мактабҳои махсус гузаронида мешуд.

2. Баъд аз бартараф кардани хатогиҳои имлоӣ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Диссертатсияи Мирзоева С. дар мавзуи «Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба талаботи Комиссия Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд ва барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарриз, номзади
илмҳои педагогӣ, муаллими
кафедраи педагогика ва психологияи
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов Разоқов Хуршед

04.11. 2025

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734026. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Лучоб 53;
Тел: 004042151. E - mail: razokovhursed304@gmail.com

Имзои Разоқов Хуршед Соҳибназаровичро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва ҳуқуқи
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи Саидмӯъмин Раҳимов Мирзоев О.У.